***ББК 87.717***
***УДК 808.5***
***Р 27***

***И.У. РАҲИМОВ***

# ОҒОЗИ ШУКУФТАНҲОИ ФАРЗОНА

Зану шавҳар - муаллимон Мирзоюнус Хоҷаев ва Бароат Ҳоҷибоева тавлиди кӯдаки сеюмро интизор буданд. Дар хона кӯдакони калонӣ - Муаззамаи 9-сола ва Матлубаи 6-сола дар интизори ба дунё омадани писарча, додарак буданд ва ҳатто бо ҳам маслиҳат доштанд, ки ӯро «Зафарҷон» ва ё «Музаффарҷон» ном мегузоранд.

Дарвозаи ҳавлӣ субҳгоҳӣ кушода шуд ва бибии хонавода Биҳоҷал ба хона даромада, хушхабарро расонид. Муаззама ва Матлуба укочадор шудаанду тифл на писарча, балки духтарак аст. Хоҳаракон аз ин ҳадяи тақдир, ки барояшон ғайричашмдошт буд, хеле шод гардиданд. Ин воқеа санаи 3 ноябри соли 1964, мутобиқ ба 13 обонмоҳи соли 1343 ҳиҷрии шамсӣ ва 27 ҷумодиййу-с-сонии соли 1384 ҳиҷрии қамарӣ рух дод. Тибқи мучал соли таваллуди ин кӯдак наҳанг (моҳӣ) аст.

Матлуба Хоҷаева он рӯзро ба хотир оварда баён мекунад: «Моҳи ноябр. Дар ёдам ҳаст, ки аллакай ҳаво андак сард мешуд ва субҳи барвақт бохабар шудем, ки мо соҳиби хоҳарча шудем. Ҳамсояамон як кампирак буданд, «Модари Деҳқонбой-амак» мегуфтем. Писарашон ба чӣ тасодуфҳое дар ғарибӣ афтода буд, лекин модар ҳамарӯза интизори фарзандашон буданд. Ҳамон шаб хабари бозгашти ин ҳамсояи мо омад ва ҳамин «модари Деҳқонбой-амак» субҳи барвақт омада дари моро кӯфта, шодиёна гирифтанд, ки ин кӯдак барои ҳамаамон бахосият омад ва гуфтанд, ки «Номаша Хосият монед, номаша Хосият монед». Номаша кӣ монд намедонам, лекин ба ҳар ҳол Иноят ном монданд, ки ба ҳамон Хосият шабоҳат дорад, аз назари мазмун» [7].

Иноятҷон Хоҷаева номи аслии шоира Фарзона аст.

Иноятҷон дар канори падару модар, бо навозишҳои гарми момо, дар маҳаллаи Пахтакори шаҳри Хуҷанд ба воя мерасад. Ин маҳалла дар қисмати ғарбии шаҳр қарор дорад, аз тарафи шарқии маҳалла девори қадима қомат афрохтааст ва дар тарафи шимолу ғарб бошад, рӯди Сир ҷорист, тарафи ҷанубу ғарби маҳалларо заминҳои кишти пахтаву сабзавот фаро гирифта буд. Биноҳои хиштини ду ва ё чаҳорошёнаи сохти замони Сталину Хрушев дар ин маҳалла қомат афрохтаанд. Худи шоира ин маҳалларо «Кӯи Меҳр» номидааст [ 3, с. 263-264].

Дар ашъори Фарзона ишораҳои зиёде ба замони кӯдакияш мавҷуд аст, ки дарки комили онҳо бе надонистани лаҳзаҳои тифлии шоира душвор аст. Дар як шеъраш Фарзона мегӯяд:

*Бачагӣ таъми хуши қанди хурӯсак дорад,*
*Мӯи чилкокулаш овезаи пӯпак дорад.*

*Бачагӣ чист, ки аз рахнаи сақфаш хуршед*
*Нур дар нур наво дораду чак-чак дорад* [2, с.345].

Дар ин ҷо қанди хурӯсак ҳамон шириние аст, ки мардуми Хуҷанд онро «хурусчақанд» мегӯянд ва он махсус барои тифлон аст. Мӯйи чилкокули пӯпакдор ҳам ба замони кӯдакии Иноятҷон хос аст. Замони кӯдакӣ Иноятҷон кокулонашро чилбоф карда, нӯки кокулҳо пилта мезад ва худаш низ ин ороиши миллиро дӯст медошт. Дар шеърҳояш низ ишораҳои зиёде дар ин бора ҷой дорад.

Иноятҷон кӯдакии муқаррарӣ ва дар баробари ин тифлие дошт, ки ӯро ба шеър, ба олами адабиёт омода мекард. Лаҳзаҳои наҷиби замони кӯдакияш хеле фаровонанд, ки дар ин мақола чанде аз онҳоро тазаккур мекунем.

Дар муҳити хонавода бибии Иноятҷон, ки зани бофарҳангу китобхон буд барои рушди маънавии наберагонаш хеле кӯшиш мекард. Ба набераҳо бибӣ китобҳои шеъру ҳикояи бузургони адабиётро хонда медод, шеърҳои кӯдаконаро он аз ёд мекарданд. Иноятҷон аз овони хурдсолӣ малакаи дар мавқеаш гуфтани шеърро дошт, ки барои ин воқеаи ҳангоми сесолагияш рухдода далел гашта метавонад.

Дар замони шӯравӣ ва имрӯзҳо ҳам дар Хуҷанд шоми душанбе ва ё ҷумъа чорабиние бо номи «хатми Қуръон» ба хотири шод гардонидани арвоҳи гузаштагон барпо мекунанд. Падари хонавода боре хост, ки дар хона домуллоро даъват карда ба арвоҳи гузаштагон дуою фотеҳа ташкил кунад. Домулло, ки пири нуронӣ буд, ҳангоми дохил шудан ба хона духтараки дар рӯи ҳавлӣ бозикунонро дида, «канӣ як шеър хон!» мегӯяд. «Он вақт сесола будам ва хондам: «Дандони мо чу найза аст, Чашмони мо ҳам дурбин». Ин суханро мо, кӯдакон, дар кӯча ҳангоми бозӣ такрор мекардем. Бобо гумон кард, ки ин шеъри ман аст ва дуо намуд: «Илоҳо шоир шавӣ!»- баъди чанд сол он воқеаро ба хотир оварда мегӯяд Фарзона [4, с. 14].

Шеъре ки дар мавридаш аз даҳони кӯдаки сесола баромад, падараш ва пири нурониро мафтун карда буд.

*…Хоҳаронам ба рӯи суфраи бом зардолу*
*мечиданд,*
*ва аз он сӯ писари навраси ҳамсоя нигаҳҳои гурезонашро*
*парвоз медод то лаби бом.*
*Ногаҳон модарам садо мезад:*
*Ин кӯдаки сесола чаро дар бом аст?*
*Ман наметавонистам*
*дар пояи якуми нардбон*
*тамошогари ҳосид бошам.*
*Ман баланд шудам.*
*Вақте баланд мешавӣ, ҳудуди тамошо васеъ*
*хоҳад шуд*
*ва дастҳои ту хоҳанд расид*
*ба дурдастҳои булӯрин*
*ва офтоб ба сӯи ту алайки салом хоҳад гуфт…* [2, с. 177-178].

Дар ин шеър бошад, воқеаи дигари айёми сесолагии шоира инъикос ёфтааст. Хоҳарони Иноятҷон дар фасли баҳор, вақте ки зардолу ва олучаҳои ҳавлӣ мепухтанд, меваҳоро ҷамъ карда зиёдатияшро болои бом бароварда рӯйи коғазҳо барои хушк кардан паҳн мекарданд. Дар бом хоҳарони калонӣ машғули паҳн кардани зардолуҳо буданду ғофил монданд, ки нинии сесола бо нардбон болои бом баромадааст. Модари ғамхор хавотир буд, ки тифлаки хурдсол налағжад ва ё наафтад. «Худаш бошад, хурсанд буд, ки мустақилона болои бом баромад» - ба хотир меорад, Матлуба Хоҷаева [7].

Бобоии модарии Иноятҷон нахустсарвазири Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев буд, ки бо тӯҳмат ва дасисаҳои солҳои сию ҳафтум ба қатл расонида мешавад. Модари Иноятҷон то соли 1957, то он даме, ки Абдураҳим Ҳоҷибоевро сафед карданд, наметавонист, ки ба кори дилхоҳаш ворид шавад, ба ӯ ҳамчун духтари «душмани халқ» муносибат мекарданд. Баъди сафед гаштан ва бегуноҳии Абдураҳим Ҳоҷибоев собит шуданаш Бароат Ҳоҷибоева ба таълифи рисолаи номзадӣ машғул мешавад. Ҳангоми кӯдакии Иноятҷон модараш дар анбӯҳи китобҳо кор мекард ва духтарчаи хурдсол ҳам мисли модар китобҳоро варақгардон мекард, ба даст қалам гирифта дар саҳифаҳо чизе менавишт. То кунун дар он китобҳо соядастҳои замони кӯдакии Иноятҷон боқӣ мондааст.

Иноятҷон Хоҷаева моҳи сентябри соли 1971 дар мактаби миёнаи №16 шаҳри Хуҷанд ба таҳсил шурӯъ мекунад. Муаллимаи синфи ибтидоияш Муҳаббат Раҳимова ва дар синфҳои болоӣ роҳбари синфашон Марҳамат Ҳабибуллоева буданд. Аз ҳама муҳим дар замони кӯдакӣ Иноятҷон ба шеър таваҷҷӯҳ ва муҳаббати беандоза дошт.

Хонандагони синфи 1 «г» дар баробари талабагони дигари мактаб баъди дарс дар гурӯҳи рӯзаш бардавом истода, вазифаи хонагияшонро иҷро мекарданд. Барномаи гурӯҳ аз иҷрои вазифаи хонагӣ, гузаронидани бозиҳои гуногун иборат буд. Иноятҷон бошад, ба бозиҳо майли зиёд надошт. Аммо барои гузаронидани байтбарак ва шеърхонӣ чунон моҳир буд, ки ҳамсолонашро ба ҳайрат меовард. Баъди дарсҳо ҳангоме ки синфи сеюм мехонданд, духтараконҳамсинфҳо ба хонаи ҳамдигар рафта ба бозӣ ва дарстайёркунӣ машғул мешуданд. Дар байни ҳамсинфон Иноятҷон ҳамчун муаллима буд. Вақте ки 5-6 нафар ҷамъ мешуданд, Иноятҷон дар байнашон рост истода дугонаҳояшро ба шеърхонӣ водор мекард. Агар касе аз духтаракон шеърро ғалат хонад, мегуфт:

- Шеърро буро-бурро хонед!

Дигар духтаракон бошанд, «ба худи муаллима монанд шуд» - гуфта механдиданд. Аз байни духтаракон Назираҷон ба шеърхонӣ майлу рағбати камтар дошт, ба ӯ Иноятҷон таъкид карда мегуфт:

- Фикр кун, ки ин ҷо дарс. Натарсида шеърро бурро-бурро хон!

Ҳамсинфон, духтаракон ва дугонаҳои ҷамолакии Иноятҷон воқеаи дигареро ҳам нақл мекунанд. Қаҳрамони нақли мо аз хурдӣ мехост, ки ҳамсабақонаш ба шеър майл дошта бошанд. Аз ин рӯ ҳар гоҳ, ки онҳо ҷамъ омада шеърро хуб мехонданд, аз Иноятҷон якто себ ҳадя мегирифтанд.

- Касе ки шеърро бехато, бурро мехонад, якто себ медиҳам! – эълон мекард Иноятҷон.

Себ барои духтаракони чаққон ва дар айни инкишоф чизи арзишманду ҷолибе буд. Онҳое, ки шеърро хуб мехонданд, сазовори себи ваъдагӣ мешуданд, ононе ки шеърро хонда наметавонистанд, бо маъюсии кӯдакона мегуфтанд, «ақалан ба мо яктоӣ себ диҳетон».

Бегумон ин себҳо меваи ҳамон дарахтоне буданд, ки падари файласуфаш шинонида буд. Дар шеъри «Ёдномаи тифлӣ», ки баъди вафоти падараш шоира сурудааст, васфи боғи қиблагоҳашро сурудааст:

*...Боғи мо ҳамеша шабеҳи мадрасае буду*
*ниҳолони наврасаш*
*Шогирдҳои фалсафаомӯз.*
*Ин боғ*
*Ёдномаи рангини кӯдакии ман аст* [2, с.174].

Муҳити хонаводае, ки Иноятҷон ва хоҳаронаш дар он тарбия мегирифтанд, муҳити фарҳангиву адабӣ буд. Падару модар, бибӣ ба онҳо супориш медоданд, ки аз ашъори бузургони адабиёти тоҷик ва рус шеърҳо аз ёд кунанд. Иноятҷон ҳам ба хурдсолияш нигоҳ накарда ашъори бузургони адабиёти тоҷик ва русро дар баробари хоҳарони калонӣ аз ёд мекард. Падару модарашон онҳоро дар рӯзҳои муайяни ҳафта ба тамошои театр, кино ва сайругашти боғ мебурданд. Ҳамаи ин барои камолоти маънавии Иноятҷон таъсир мегузошт. «Аҳли хонаводаи мо инсонҳое буданд фарҳангафрӯз ва гароишманд ба маънавиёту рӯҳоният. Барои онҳо андешаи ҷону дил ҳамеша муқаддамтар аз обу гил буд»- ба хотир меорад шоира [4, с.14].

Шеъри нахустинашро Иноятҷон ҳангоми мактабхонӣ дар синфи чорум гуфта буд. Он шеърро аввал бо хоҳаронаш таҳрир кард ва баъд дар мактаб аз он ҳамсинфону муаллимаҳо огоҳ шуданд. Он шеър ин буд:

*Гунҷишкаки бечора,*
*Ҷаро гаштӣ овора.*
*Дар ин ҳавои хунук,*
*Бо либосҳои тунук.*

Ин шеъри Иноятҷонро аз сабаби он ки ба хонандагонаш писанд буд, дар радиои мактаб қироат мекунанд. Аммо ӯ шеърҳои замони кӯдакияшро ба нашр намерасонад. «Шеърҳои рӯзгори наврасии ман, ки то 17-солагиям мавзун шудаанд, дар китобҳоям ворид нестанд. Ҳудуди ҳазор мусаввадаро лоиқи нашр надонистам. Аз миёни он ҳама шеърҳои даврони тозаҷавонӣ фақат бист чакома дар китоби нахустинам «Тулӯи хандарез» баргузида шудаанд», - гуфааст Фарзона [4, с.14].

Аз сабаби он ки Иноятҷон шеърҳои зиёдро аз худ карда буд ва дар суханронияш шеърро истифода мекард, аллакай дар синни 9-10 солагияш хешу табор ва наздикон ӯро «шоира», «шоирабону» ва «шоираҷон» гуфта муроҷиат мекарданд, ки худашро ҳам ба тааҷҷуб меовард. «Ман ҳайрон мешудам, зеро ба шеър иртиботе доштанамро эҳсос намекардам» - гуфтааст Фарзона.

Шеърҳои Иноятҷон Ҳоҷаева баъди 17-солагияш дар матбуоти даврӣ ба нашр мерасанд. Масалан, шеъри «Пайк» [10, с.4] ва «Дубайтиҳо» [9, с.3] соли 1984 дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» бо имзои Иноят Ҳоҷаева чоп мешаванд. Соли 1985 бошад, дар рӯзномаи Комсомоли Тоҷикистон таҳти сар-

лавҳаи «Шинос шавед: Фарзона» се ғазали Иноят Хоҷаева бо муқаддимаи кӯтоҳи Сафар Абдулло нашр мешавад [6, с.4]. Дар он муқаддима навишта шуда буд: «Дафтари ашъори Фарзона (ин тахаллус интихоби Лоиқ Шералӣ буд – И.Р.) гувоҳи он аст, ки ин шоираи ҷавон ба адабиёти бузурги мо на аз рӯи ҳавою ҳавас, балки бо мақсадҳои зиёд ва устуворона омаданист. Сурудҳои ӯ самимӣ ва забону баёнаш фасеҳ аст». Маҳз баъди нашри ин мавод тахаллуси шоирии Иноят Хоҷаева «Фарзона» шинохта мешавад.

Дар ашъори Фарзона бештар гулу гиёҳ, дарахтон, ҷонварон, гулпараку шапаракҳо, ҳодисаҳои зебои табиат шоиронаву гуворо тасвир гаштааст ва ин ҳам реша дар замони тифлии ӯ дорад. Ӯ соатҳо ба ҳаракати ҳашарот, ба гули набототи назар мекарду аз онҳо зебоӣ меҷуст. Гули олуча, себаргаву райҳон, шакарсеб, мӯрча, гулпарак, гурба, матинҷ, гаҳворачунбон ва садҳо гиёҳу рустаниву ҷонваронро дар шеъри Фарзона ба назар мегирем, ки нишонаи дӯст доштани табиат ва огоҳии ӯ аз қонуни зиндагист.

Дар мусоҳибаи нахустинаш Фарзона дар баробари ёдкарди сарояндагони писандидааш Аҳмад Зоҳир ва Зафар Нозимов шуғлҳои писандидаи наврасияшро ҳам баён карда буд. «Гулдӯзиро дӯст медорам. Барои шумо сиреро мекушоям. Дар ривоятҳои қадим хонда будам, ки духтарон ба ёри баргузидаашон рӯймолчаи гулдӯзӣ ба ҳадя медодаанд. Гоҳи 16-сола буданам воқиф аз ин русуми аҷдодон гардидам. Ҳавову ҳаваси тифлона ва оташи навбедори наврасӣ талқин намуд, то ман низ рӯймолчаи гулдӯзие биофарам, то бошад, ки рӯзе ба касе бахшоям, Хушбахтона, ё шояд мутаассифона, онро ҳанӯз ба соҳибаш насупоридаам. Ёд дорам, ки дар овони кӯдакиям дар ҳавлии мо 12 дарахти олуча буд. Вақте ки олучаҳо марҷон мебастанд, баргҳояшон хандаи сабз мезад, апаҳои ман духтарони ҳамсояро даъват намуда, зери сояи олучаҳо тоқидӯзӣ мекарданд. Шояд тамошои ҳунари онҳо дар ман инчунин шавқро барафрӯхта бошад. Бисёр афсӯс мехӯрам, ки барои то андозае омӯхтани шуғлҳои духтарона вақт надорам, вале бо раҳнамоии шавқ гоҳи фориғиям гулқандҳое тайёр мекунам, бо номи «гули бодом» ва «шабоҳанг». Гумон мекунам, ки аз таъмашон дида номашон даҳчанд ширинтар аст» [1]. Вақте кас ин шеъри Фарзонаро мехонад, наврасии шоираро ба мушоҳида мегирад:

*...Таҳи шаҳбед*
*Нишемангоҳи мо, гулдӯзакон буд.*
*Ба истиқболи Маҷнуне, ки дар пиндор парвардем*
*Ба рӯи тоқии Лайло*
*Ҳавасҳои дили мо лола мерехт.*
*Ба ёди ношиносе, ки замоне мужда хоҳад дод,*
*Умеди мо камарбанди гулафшон менамуд эҷод.*
*Чӣ зебо буд фасли сода буданҳо,*
*Абас дар интизори бахти бемисле нишастанҳо*
*Ба фардои аҷибе меҳр бастанҳо* [5, с. 92].

«Тоқии Лайло» номи тоқии гулдӯзие буд, ки замони наврасӣ духтарони Хуҷанд ва аз ҷумла Иноятҷону хоҳаронаш ҳам онро медӯханд. Боз лаҳзаи дигари тифлии Иноятҷон дилбастагии ӯ ба китобу китобхонӣ буд. Омӯзиш, ҷустуҷӯ дар китобҳои адибони Шарқу Ғарб, аз худ кардани осори шоирони бузург ва адабиёти тоҷику

форс ӯро аз хонанда ба донанда ва аз донанда ба шоири хушкалому тозагӯ оварда расонид. Лаҳзаҳои рангини тифлии Иноятҷон хеле фаровон аст, ки муфассал навиштани ҳар яки он маводи рисолаи илмии алоҳида хоҳад шуд. Ин мақоларо бошад, бо як воқеаи хурдсолии Иноятҷон ба интиҳо расониданиям. Аҳли хонавода дар хурдсолӣ бо падару модар ба сайругашт мебаромаданд. Як бегоҳ бо модарашон се хоҳарон дар тамошогоҳи шаҳр машғули сайругашт буданд, ки Мирзо Турсунзодаро вомехӯрад. Ин шоири машҳур модари онҳоро мешинохт ва бо ҳам сӯҳбат карданд. Ба Иноятҷон, ки аз ҳама хурд буд Мирзо Турсунзода қанде ҳам дода дуо мекунад, ки илоҳо фарзандонатон муаллим шаванд, олим шаванд, шоира шаванд [8]. Имрӯз бо гузашти чандин сол ба назар мерасад, ки таманнои шоир амалӣ гаштааст, духтари калонӣ Муаззамахон - муаллима, Матлубахон – олим ва Фарзона – шоира гаштааст. Шеъри Фарзона шояд аз қанди додаи Мирзо Турсунзода шираи нахустин гирифтааст.

***Калидвожаҳо:*** *Иноятҷон Хоҷаева, Фарзона, шеъри аввалин, воқеахои тифлӣ, зебоипарастӣ, такомули адабӣ.*

### *Пайнавишт:*

1. *Бобоҷонова М. Тулӯи хандарез ё суоле чанд ба шоираи рангинхаёл Фарзона. // Бо роҳи ленинӣ -№ 60. - 21 майи 1988.*
2. *Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Ҷ. 3. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. -378 с.*
3. *Фарзона. Мӯҳри гули мино. – Хуҷанд: Ношир, 2006. - 400 с.*
4. *Фарзона: «Орзуям навиштани қиссаи ҳазрати Одам (а) буд. Фишурдаи сӯҳбати хабарнигор Тилав Расулзода бо Фарзона. // Бонувони Тоҷикистон, -Феврали 2014. -С. 14-15.*
5. *Фарзона. Ояти ишқ. – Душанбе: Адиб, 1994. – 176 с.*
6. *Фарзона. Се газал. // Комсомоли Тоҷикистон. -№ 75. -23 июни соли 1985.*
7. *Сабти аудиоии мусоҳиба бо Матлуба Хоҷаева. Аз таърихи 23 майи 2014.*
8. *Сабти аудиоии мусоҳиба бо Муаззама Хоҷаева. Аз таърихи 13 июни 2014.*
9. *Хоҷаева И. Дубайтиҳо. // Ҳақиқати Ленинобод. -№ 63. -31 марти 1984.*
10. *Хоҷаева И. Пайк. // Ҳақиқати Ленинобод. -№ 55. -17 марти 1984.*

### *Reference Literature:*

1. *Babajanova M. Merry Dawn or Discourse with Poetess Farzona // Leninskim putyom (By the way of Lenin), #60. May 21, 1988.*
2. *Farzona. Drop from Mulyan. V.3. – Khujand: Nuri Marifat, 2003. -378 pp.*
3. *Farzona. The Flower Stamp. –Khujand: Noshir, 2006. – 400 pp.*
4. *Farzona. I Dreamt to Write the Story of Adam-Prophet. Interview Taken by Journalist Tilav Rasul-zoda from Farzona // Women of Tajikistan. Febryary, 2014. – pp. 14-15.*
5. *Farzona. The Sign of Love. – Dushanbe: Adib, 1994. -176 pp.*
6. *Farzona. Three Gazels. // Comsomoli Tojikiston, #75, 23.06. 1985.*
7. *Audiorecord of the Interview Done by Matlyuba Khodjayeva from 23.05.2014*
8. *Audiorecord of the Interview Done by Muazzama Khodjayeva from 13.07. 2014.*
9. *Khodjayeva I. Distich. / Khakikati Leninobod. #63. 31.03. 1984*
10. *Khodjayeva I. The News // Khakikati Leninobod. #55. 17.03.1984.*

## *Начало творческого пути Фарзоны*

***Ключевые слова:*** *Иноятжон Ходжаева, народный поэт Фарзона, поэтическое творчество, события детства, эстетическое восприятие действительности, литературный путь*

*В статье описываются моменты детства Иноятжон Ходжаевой, которая в будущем стала народным поэтом Таджикистана Фарзоной. В статье сделана попытка раскрыть стремление Иноятжон к поэтическому творчеству с детского возраста. Иноятжон с детства проявляла глубокий интерес к персидско-таджикской и русской классической литературе. В творчестве Фарзоны содержится множество намёков на события её детства, не зная которые, бывает порой трудно понять содержание её стихов. В статье анализируются и комментируются такие моменты её произведений. Большое влияние на становление Иноятжон как поэта оказала её культурная и начитанная семья, преподаватели и окружение. Они воспитали у Иноятжон эстетическое восприятие действительности, любовь к поэзии, которые проявились уже в детских попытках к творчеству и были преддверием широкого литературного пути.*

**Farzona`s Dawn**

**Key words:** *Inoyat Khojaeva, people`s poetess Farzona, moments of the childhood, poetical creation, events of childhood, aesthetic perception of reality, literary road*

*The article dwells on the creation of people`s poetessof Tajikistan Inoyat Khodjayevna known under the pseudonym of Farzona. The author of the article adduces the episodes of her childhood. It is shown that Inoyat strove to poetical creation since school years. Inoyat developmed as all the children of her epoch however, she displayed deep interest in Persian-Tajik and Russian literatures. The author presents the fragments of her creation referring to those far years which were published in mass media. There are a lot ofhints to the events of her childhood which shed light on the contents of her poems. Such moments are analyzed and commented by the author. The author comes to the conclusion that Inoyat`s formation as a poetess was influenced with social atmosphere reiqned in her cultural and educated family; teachers and preceptors having made no small contribution in her creative evolution either. From them she imbibed the aesthetic perception of reality, those timid paces led her to the wide road of literature.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

**Раҳимов Исломҷон Усмонҷонович,** *номзади илмҳои филология, мудири шӯъбаи табъу нашри Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ( Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд); e-mail: usmoni1979@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

**Рахимов Исломджон Усмонджонович**, *кандидат филологических наук, заведующий редакторско-издательским отделом Таджикского государственного универститета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, город Худжанд) e-mail: usmoni1979@mail.ru*

***Information about the author:***

**Rakhimov Islomjohn Usmondjonovich,** *Candidade of Philological Sciences, chief of the editorial-publishing department under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand) e-mail: usmoni1979@mail.ru*